*УДК 323*
*ББК 66.400.051 (5Т)*

**НАҚШИ МИНТАҚАҲО ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (дар мисоли вилояти Суғд)**

**Шарифзода Аминҷон Абдуғаффорӣ**, унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)

**РОЛЬ РЕГИОНОВ В УКРЕПЛЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (на примере Согдийской области)**

**Шарифзода Аминджон Абдугаффори**, соискатель кафедры политологии ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)

**THE ROLE OF REGIONS IN STRENGTHENING STATE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (on the example of Sughd Viloyat)**

**Sharifzoda Aminjon Abdugaffori**, claimant for candidate degree of the department of political science under TSULBP (Tajikistan, Khujand),
**E-MAIL**: aminjon.1976 @ mail.ru

***Калидвожаҳо:*** *Истиқлолият, мустақилӣ, соҳибихтиёрӣ, озодӣ ва комилҳуқуқӣ, нақши вилояти Суғд, истиқлолияти сиёсӣ, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, истиқлолияти иқтисодӣ, фарҳанги миллӣ, ҳувияти миллӣ*

*Пажӯҳиши масъалаи истиқлолият ва нақши минтақаҳо дар таҳкими истиқлолият ва сулҳу ваҳдат дар раванди расидан ба он яке аз мавзӯъҳои актуалӣ дар замони муосир ва илми сиёсатшиносӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, омӯзишу баррасии нуктаҳои марбут ва муайян намудани саҳм ва нақши минтақаҳо дар марҳилаи расидан ба Истиқлолияти давлатӣ муфид мебошад. Дар мақолаи мазкур ҳамин самти масъала бо такя ба сарчашмаҳои илмиву оммавӣ ва санаду меъёрҳои марбут ба ин раванди муҳимми сиёсиву давлатӣ таҳқиқ гардида, муаллиф ба натиҷаҳои ҷолиб расидааст.*

***Ключевые слова:*** *независимость, суверенитет, свобода и полноправие, Согдийская область, политическая независимость, XVI сессия Верховного Совета, экономическая независимость, национальная культура, национальная сомобытность*

*Изучение независимости и роли регионов в укреплении мира и единства в процессе их достижения – одна из актуальных проблем современной политологии. В этой связи полезно изучать соответствующие моменты и определить вклад и роль регионов в процесс достижения государственной независимости. Исследуется выделенный аспект проблемы со ссылкой на научные и популярные источники, документы и нормы, относящиеся к важному политическому и государственному процессу, в ходе которого выведено серьёзное научное заключение.*

***Key-words:*** *independence, sovereignty, freedom and full rights, Sughd Viloyat, political independence, the XVI-th session of the Supreme Council, economic independence, national culture, national identity*

*Studying the issue of independence and the role of regions in its strengthening, peace and unity in the process of their attainment is one of the most pressing problems of modern political science. In this regard, it is useful to study relevant points and determine the contribution and*

*role of regions in the process of achieving state independence. This article explores the aspect of the problem in question with reference to scientific and popular sources, documents and norms related to this important political and state process. Resorting to all this the author has achieved interesting results.*

Истиқлолият неъмати бебаҳои ҳар халқу миллат буда, маҳз он метавонад, давлатро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намояд. Баҳри пойдор ва устувору побарҷоии истиқлолият ғояи солим ва сиёсати бобарору ҷавобгӯй ба арзишҳои олии милливу ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад.

Соҳибистиқлол он давлате мебошад, ки мустақилона ягонагӣ ва тақсимнопазирии ҳокимияти худро дар тамоми ҳудудаш таъмин менамояд, мустақилона масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро амалӣ мекунад. Яъне, истиқлолияти давлат мустақилияти онро чи дар ҳалли сиёсати дохилӣ ва чи сиёсати хориҷӣ, дар робитаҳои дутарафа бо дигар давлатҳо зоҳир мекунад [1,с.51].

Вале оғози расидан ба ин зина барои мардуми тоҷик мушкил гардида, хосатан ибтидои ин рӯйдоди муҳимми таърихӣ бо душвориҳо, қонуншиканиҳо ва нобасомониҳои гуногун рӯ ба рӯ шуд. Мутаассифона, иқрор шудан лозим меояд, ки дар ин айём аксарияти халқи тоҷик аз ҷиҳати равонӣ ба истиқлолияти комил омода набуданд ва соҳибхтиёрӣ аз нигоҳи сиёсӣ барои роҳбарияти Тоҷикистон ва мардуми он марҳилаи хеле ҳассос ба ҳисоб мерафт. Фурсате фаро расида буд, ки халқи тоҷик худаш бояд ояндаашро мустақилона муайян намуда, ҷойгоҳи худро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун миллати озоду соҳибистиқлол дарёбад.

Табиист, ки бештари мардуми тоҷик ба сохти давлати сотсиалистӣ ва яккаҳизбӣ, қолабҳои ғоявию мафкуравии даврони шӯравӣ одат карда буданд.

Роҳбарони вақти кишвар, ки ба ин падидаи таърихӣ омода набуданд ва эҳтимолан қобилияти мустақилона давлатдорӣ, миллатро сарварию сарпарастӣ карданро надоштанд, ба ваҳму таҳлука афтодаанду зимоми давлату қудратро аз даст доданд, тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатиро фалаҷ сохта, хештанро канор гирифтаанд ва ҳокимиятро ба дасти афроди бетаҷрибаю ғаразманд гузоштанд, ки дар натиҷа дар як муддати кӯтоҳ кишвар ба гирдоби ҷанги таҳмиливу шаҳрвандӣ кашида шуд.

<u>24 августи</u> соли <u>1990</u> дар Иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии <u>ҶШС Тоҷикистон</u> бори аввал «Эъломияи истиқлоли Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ» қабул шуд. Ҳарчанд Эъломия ҳуҷҷатест, ки аз соҳибистиқлолии Тоҷикистон расман шаҳодат дод, вале ин санад феълан истиқлоли комили мамлакатро пурра таъмин карда наметавонист.

Аввалин эътироз ва тазоҳури сиёсӣ дар ҷумҳурӣ моҳи феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе ба амал омад, ки гирдиҳамомадагон истеъфои се роҳбари аввали ҳизбӣ, давлатӣ ва ҳукуматии Тоҷикистонро талаб мекарданд. Ин ҳодиса ифодагари таназзули сохти идораи шӯравӣ, заиф гардидани мавқеъ ва нуфузи ҲКИШ буд. Гарчанде ҳодисаҳои февралӣ бо шикасти нерӯҳои демократӣ ва исломӣ анҷомиданд, вале дар интихоботи соли 1990 аз чор як ҳиссаи вакилони мардумӣ аз ҳисоби равияҳои мазҳабию демократӣ ба парламент шомил шуданд.

Пеш аз соҳибистиқлол гардидани кишвар аллакай баъзе рӯшанфикрон, ҷавонон ва иддае аз зиёиён аз рӯи ақида ва маҳал ба гурӯҳҳо ҷудо шуда буданду рӯйирост бидуни андешаву таҳаммул, таҳқиромез андешаронӣ мекарданд. "Тоҷикистон аз моҳи феврали соли 1990 сар карда ба гурӯҳҳои ба ном «тарафдорони бозсозӣ» ва «мухолифони бозсозӣ» тақсим шуд. Ҷудоии мардуми Тоҷикистон на танҳо аз рӯи мансубияти миллӣ,

балки аз рӯи мансубияти маҳал бештар гардид” [9,с.14-15].

Гурӯҳҳои алоҳидаи ҳамфикр ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои худ, гузаронидани таклифу пешниҳодҳо ва мақсадҳояшон бо Ҳукумати кишвар якҷоя фаъолият намуданд. Баъди мағлубият дар интихоботи президентӣ Ҳизбҳои демократӣ ва наҳзати исломӣ, ҳаракати мардумии «Растохез» ва «Лаъли Бадахшон», Созмони ҷавонони озод дар муносибат ба Ҳукумати Тоҷикистон мавқеи оппозитсияро ишғол карданд.

Баъди кӯшиши табаддулоти августӣ (ГКЧП) дар шаҳри Маскав дар миқёси кишвар гирдиҳамоиҳо ва кӯшишҳои расидан ба истиқлолият аз нав хуруҷ карданд ва ниҳоят 9 сентябри соли 1991 вакилони Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум ҳуҷҷати таърихии «Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуданд [17].

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон “дӯстони миллати тоҷик” бо истифода аз шароиту имконият тавонистанд, ки байни мардуми кишвар низоъ ангезанд, зеро роҳи интихоб ва ғояи қаблӣ барои бархе гурӯҳҳои кишвари тозаистиқлол минбаъд бегона буд. Идеологияи ба таври сунъӣ аз берун ба дӯши халқ боркардашуда баъди 70 соли амалишавӣ оқибат ба шикаст дучор шуд, зеро чунин идеология ба арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ, рӯҳонӣ ва равонии халқи мо созгор набуд.

Аз омӯзиши раванди расидан ба соҳибистиқлолӣ дар кишвар ва ҷараёни гузариш аз низоми давлати сотсиалистӣ-яккаҳизбӣ ба давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва бисёрҳизбӣ маълум гардид, ки ин амал ба мардуми тоҷик ба осонӣ даст нахоҳад дод. Баъди эълони истиқлолият бо истифода аз фазои холии идеологӣ ва заифию бесомонӣ дар низоми давлатдорӣ шахсиятҳо ва гурӯҳҳои сиёсие ба майдони мубориза ворид гардиданд, ки парчами дигари идеологӣ -радикализми диниро сари даст доштанд.

Бо ҳадафи ғаразнок - “дӯстони халқи тоҷик” кӯшиш намуданд, ки бо нерӯҳои дохилии кишвар то ба ҷанги таҳмиливу шаҳрвандӣ оварда расонида, давлати тоҷикро аз харитаи ҷаҳон нест намоянд. Доираҳои сиёсии хориҷӣ ва шарикони дохилии онҳо накшаи қисмат намудани Тоҷикистонро таҳрезӣ намуда, бо ҳамин роҳ аз байн бурдани давлати тоҷиконро ба накша гирифта буданд. [15,с.14].

Аз аввали соҳибистиқлолии кишвар ягон рӯзи оромӣ набуд. Солҳои 1991-1992 марҳилаи авҷи баҳсу муборизаҳои шадиди сиёсӣ, майдоннишинӣ, гирдиҳамоиҳои тӯлонӣ, гуруснанишинӣ, замони зуҳур ва инкишофи ҳизбу ҳаракатҳои нави сиёсӣ буд. Тоҷикистон ба давраи навбатии муборизаи сиёсӣ ворид гашта буд. Мухолифати тарафайн, дар навбати худ, ба гирдиҳамоии дуру дарози моҳҳои март-майи соли 1992 оварда расонд. Дар ду майдон «Шаҳидон» ва «Озодӣ» ду сангари мухталиф ба ҳам муқобил меистоданд, ки ҳар яке ҳадафи худро дошт. Дар ҳар ду майдон ҷавонони ғаюр, ки дирӯз дар як ҷо механданду мезистанд, кор мекарданд, ба ҳам теғи назар мекашиданд [9,с.14-15].

Майдоннишиниҳои моҳҳои апрел – майи соли 1992 ошкорбаёниву таҳқиру маҳалгароӣ ҳамчун мусобиқаи ду майдон боз ҳам ҷонибҳоро аз ҳам дуру дилсард менамуданд, нерӯҳои иғвогар зери шиорҳои зоҳиран демократӣ амалан моҷароҷӯёна амал мекарданд. Мардуми тамоми минтақаҳои кишвар дар ҳарос буданду ба фардои неки Ватан боварӣ надоштанд. Хафви пора-пора сохтаю решакан гардондани халқи мо қувват мегирифт. На танҳо вилоятҳои том, балки ноҳияҳову деҳаҳо ҳам аз якдигар роҳи ҷудоиро меҷустанд. Созмонҳои гуногуни маҳаллӣ бо номи «Лаъли Бадахшон», «Ҳамдилон», «Меҳри Хатлон», «Ҳисори Шодмон», «Истаравшан», «Зарафшон» ва ғайра арзи вуҷуд

карданд, ки, сарфи назар аз ниятҳои неки худ, ба якпорчагии Ватани азизамон мусоидат намекарданд [11,с.18-19].

Вазъияти кишвар рӯз аз рӯз вазнин гардида, аз ноаҳлӣ ва мавқеи ноустувори роҳбарон қувваҳои мухолиф самаранок истифода мебурданду дилпуртар мешуданд. "Дар чунин вазъият, ки ҷумҳуриро бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ фаро гирифта буд, миёни роҳбарият якдилию ҳамдигарфаҳмӣ ба чашм намерасид, доираи вабои маҳалгароӣ вусъат меёфту пурқувват мегардид, оппозитсия муташаккил амал карда, намегузошт, ки роҳбари аввали ҷумҳурӣ дар иҷрои вазифа озодона амал намояд" [5,с.19].

Мавқеи давлат аз даст рафтаву тартибу низоми давлатдорӣ то баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд набуд. Бедавлатӣ ва бенизомӣ буд, ки майдоннишиниҳо оқибат на ба муросову ҳамдигарфаҳмӣ, балки ба ҷангу хунрезӣ оварда расонид ва ҳадафи нерӯҳои иғвогар ва хоҷагони хориҷии онҳо амалӣ шудан гирифт.

Дар чунин ҳолат, хушбахтона, аксарияти кулли мардуми вилояти Ленинобод ба оқибати вазъи ногувор дуруст сарфаҳм рафта тавонистанд. "Дар чунин лаҳзаҳои душвор, - гуфта шуда буд дар Мурочиатномаи Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Ленинобод ба ҳамаи мардуми вилоят – ҳукумати маҳаллии вилоят ба шумо - меҳнаткашони шаҳру деҳоти вилоят сидқан мурочиат менамояд, ки ҳатталимкон ботамкин бошед, фирефтаи ҳар гуна овозаю воҳимаҳо нагардед. Вазъият дар вилоятамон зери назорати қатъӣ буда, барои мӯътадил гардонидан ҳамаи тадбирҳои имконпазир андешида мешаванд..."[8].

Ҳодисаву ҳолатҳои вақт ягон шаҳрванди ватандӯсту худшиносро, ки барояшон Ватан, модар, давлат, миллат, ору номус арзиши баланд доранд, бетараф намегузошт. Сокинони шаҳру ноҳияҳо, маҳалҳо мардумро ба таҳаммулпазириву дурандешӣ даъват менамуданд. Аз ҷумла дар Мурочиатномаи ҳизбиёни Конибодом ба коммунистон ва ҳамаи мардуми шарифи вилояти Ленинобод чунин таъкид мешуд: "**....**Ин рӯзҳо, албатта, гузарон аст. Аз ин рӯ, ба эҳсосот дода нашавед. Бас аст хусумату бадгӯиҳо. Мо намехоҳем, ки ҷумҳурии кӯчакамон порча-порча гардад. Биёед, дар рӯзҳои мудҳиш дасти якдигарро бигирему баҳри пойдории сулҳу осоиш ва аз бӯҳрони сиёсиву иқтисодӣ раҳонидани мардум аҳлона меҳнат кунем...**"** [7].

Бинобар низову маҳалгароиву нофаҳмиҳо байни ҳизбу ҳаракату созмонҳои гунонуни ҷамъиятиву сиёсӣ, норозигӣ аз роҳбарони давлату ҳукумати вақт ва аз қарорҳои Шӯрои Олии ҷумҳурӣ соли 1992 халқи тоҷик ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардид, ки он 5 солу як моҳу 22 рӯз ё ки 1880 рӯз идома ёфт, беш аз 150 ҳазор нафар шаҳрвандон ҷони худро аз даст доданд, зиёда аз 50 ҳазор кӯдакон ятим монданд. Ҷанг ба иқтисодиёти мамлакат беш аз 10 миллиард доллари амрикоӣ хисорот расонид [2].

Воқеан, зарари моддии дар ҷанги таҳмиливу шаҳрвандӣ бамиёномада иқтисодиёти давлати тозаистиқлолро даҳсолаҳо ақиб партофт. Яке аз иқтисоддонони кишвар Карамулло Одилов иброз медорад, ки тибқи ҳисобҳои мавҷуда зарари иқтисодии ҷанги мазкур ба халқу давлати тоҷикон баробари буҷети 31 - солаи ҳамондавраи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Воқеан, дар он солҳо ҳаҷми умумии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як сол тақрибан ба 320 млн. доллари амрикоӣ баробар буд [16,с.187].

Оид ба масъалаи мазкур, яъне муқоисаи зарари бамиёномада бо буҷети соли 1995, ки аллакай аз истиқлолияти давлатӣ чор сол гузашта, дар ин марҳила Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул, интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати якум)

баргузор гардида буданд, вале ҳанӯз ҷуброни казоиро умедвор шудан номумкин буд. Яъне, зиёни моддии расонидаи ҷанги тахмилӣ ба иқтисодиёти мамлакат 105 маротиба аз буҷаи соли 1995 бештар буд [14,с.14].

Сокинони зиёд бесарпаноҳ, бе ҷойи кору таҳсилу табобат монда, роҳи муҳоҷиратро пеш гирифтанд. Зарари маънавию равонии занону модарон, кӯдакону наврасон беҳисоб аст. Зиёда аз 30 ҳазор хонаҳои истиқоматӣ сӯзонда, садҳо биноҳою иншоот, заводу фабрикаҳо, муассисаҳои тиб, маориф, идораи давлатӣ ва дигар муассисаҳои зиёде харобу валангор гардиданд. Зарари маънавии ҷанг ҳадду ҳисоб надошт [14,с.14].

Дар айни замон аз оғози соҳибистиқлолии мамлакат сарҷамъиву муттаҳидии қисмати асосии мардуми кишвар, хоса сокинони вилояти Суғд, пайваста эҳсос мешуд. Зеро, вилоят яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати саноативу иқтисодӣ пешрафта маҳсуб меёфт. Чунончи, вилояти Суғд 18,2 фоизи марзи ҷумҳуриро ташкил дода, аз ҷиҳати бузургии қаламрав баъди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷои дуюмро ишғол менамояд ва бо Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қирғизистон ва ноҳияҳои тобеи марказ ҳаммарз мебошад. Аз ин ҷиҳат, барои вилоят хавф ва таҳдиди ҷудоӣ аз кишвар мавҷуд буд. Бадхоҳону ҳангомаҷӯён баҳри бадном намудани вилояти Суғд ҳаргуна овозаҳои бардурӯғу низоъангезро паҳн менамуданд. Ҳол он ки сокинони вилоят, баробари мардуми дигар минтақаҳои кишвар, аз мушкилиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ азият мекашиданд.

Моҳи октябри соли 1992, вақте ки вилояти Кӯлоб ба муҳосираи иқтисодӣ гирифтор гардида, мардумашро хавфи гуруснагӣ ва сар задани бемориҳои сирояткунанда таҳдид мекард, дар назди ҷамъияти “Шафақ ва саломатӣ”-и вилояти Ленинобод ситод таъсис дода шуд. Ҳадафи ситод сарҷамъона кӯмак намудан ба мардуми азияткашида, муҳоҷиру гурезаҳои дар вилояти Кӯлоб паноҳбурда ба ҳисоб мерафт. Яке аз аввалин ташаббусҳои башардӯстонаи сокинони шаҳри Хуҷанд, ки ин иқдомро пеша намуданд, ҳамин буд, ки 14 маҳаллаи шаҳр санаи 30 октябри соли 1992 ба вилояти Кӯлоб 65 халта орди навъи якум, 2000 дона нон, 12 қуттӣ доруворӣ, 27 халта либос ва ба миқдори зарурӣ хӯроквории дигар роҳӣ намуданд [4, с.375].

Чунин дастгириҳо аз ҷониби тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят нисбат ба мардуми Кӯлоб ва дигар минтақаҳои ҷангзадаи кишвар зоҳир карда мешуданд.

Мардуми вилояти Ленинобод ва тамоми ҷумҳурӣ баробари сокинони маҳалҳои гирифтори ҷанги бародаркуш азоби руҳӣ мекашиданду оромӣ надоштанд ва кӯшиш мекарданд, ки барои шаҳрвандони азияткашида кӯмак намоянд, то ки онҳоро аз гуруснагӣ наҷот диҳанд. Дар ин бора барқияи сипоси ба раиси кумиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Ленинобод аз номи коммунистони ноҳияи Данғара ирсолдошта барои кӯмаки башардӯстонаи заҳматкашони вилояти Ленинобод, ки ба гурезаҳои Вахшонзамин расонидаанд, шаҳодат медиҳад [3].

Хоинону душманони миллат, хоса маҳалгароён, аз кӯмаку мадади сокинони вилояти Ленинобод ба мардуми азияткашидаи Кӯлоб хушҳол набуданд, балки бо ҳар роҳ барои низоъ андохтан байни мардуми маҳал ва минтақаҳо ҳаргуна овозаҳои бардурӯғ паҳн менамуданд. Вилояти Ленинободро борҳо гунаҳкор карданӣ мешуданд, ки гӯё кӯлобиҳоро бо силоҳ таъмин месохта бошад. Ин дурӯғи маҳз буд. Аз шимол ҷониби Кӯлоб тайёраҳои тиру ярок не, балки пур аз озуқаю либос парвоз мекарданд.

Баргузор гардидани Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Хуҷанди бостонӣ собит намуд, ки мардуми вилояти Суғд хоҳони сулҳи пойдору ваҳдати комил, соҳибистиқлоливу озодӣ дар Тоҷикистон мебошанд. Вакилон дар иҷлосияи

сарнавиштсоз доир ба ин масъала фикру андешаҳои худро баён карданд. Аз ҷумла вакили мардумӣ Ҳайдаршо Акбаров иброз дошт, ки овозаи бадхоҳон, ки гӯё вилояти Ленинобод аз ҷумҳурӣ ҷудо шуданист, аз бародаркушии мардуми ҷануб завқ мебарад, ҳарзаи пуч аст, мо дидем, ки ленинободиён сидқан хоҳони якпорчагӣ ва сулҳу осоиши Тоҷикистонанд ва худро берун аз кишвари азизашон тасаввур карда наметавонанд [15, с.69].

Ҳамзамон, сардори вақти Дафтари матбуоти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоқикистон Ҷонибек Акобиров ин андешаро тақвият бахшида, иброз дошта буд, ки "Ленинободиён ҷонибдори зудтар хотима ёфтани ҷанги бародаркуш, хостори сулҳу салоҳ ва аз байн бурдани муноқишаҳои дохилӣ ҳастанд, аз ин рӯ, ба иҷлосия хуб омадагӣ диданд" [4, с.145].

Раиси навинтихоби Шӯрои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Қасри Арбоб баргузор гардид, бо камоли самимият суханронӣ намуда, ба дили мардуми азияткашидаи Ватан умеду боварӣ бахшиданд. Аз оғози фаъолияти хеш Сарвари тозаинтихоби давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон баҳри ба даст овардани ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи комил, баргардонидани гурезагон ҷаҳду талош ва мушкилиҳои зиёдеро паси сар намуданд, ки ҳар яки онҳо дар саҳифаҳои таърихи Ватани азизу соҳибистиқлоламон бо ҳарфҳои заррин сабт шудаанд.

Раванди пажӯҳиши марҳилаҳои таърихии расидани Тоҷикистон ба истиқлолияти давлатӣ ва саҳми сокинони минтақаи вилояти Суғд дар ин ҷабҳаи сарнавиштсоз собит менамояд, ки неъмати мазкури гаронбаҳо бо роҳҳои душвор ва пурпечутобу хеле мураккаб ба даст омадааст.

Бо шарофати истиқлолияти давлатӣ халқи тоҷик имкон пайдо кард, ки баъди ҳазор сол асолату ҳувияти миллӣ, таърих, забону фарҳанг, урфу одат ва арзишҳои неки миллии худро ба хотири иҷрои рисолати бисёр пурмасъулият, вале пурифтихори таърихӣ - эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, яъне ҷомеаи навини давлати соҳибихтиёру озод ва зиндагии босаодату шоистаи наслҳои имрӯзу фардо эҳё намояд.

Миллате, ки таърих ва мавҷудияти беш аз шашҳазорсоларо дорост, бо таъсири идеологияи ғаразноки беруна қариб буд, ки аз байн равад. Зеро, ба ақидаи Эрнест Андре Геллнер, миллат ин, қабл аз ҳама, "маҳсули эътиқодот, бовариҳо, гароиш ва майлҳои инсон мебошад" [6,с.97].

Яке аз сабабҳои асосии халал ворид намудан ба пешрафти кишвари ҷавони соҳибистиқлоли мо ҷаҳонишавии манфиатҳо ва мавқеи ҷойгиршавии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Тоҷикистон дар чаҳорроҳаи тамаддунҳои мухталиф қарор гирифтааст. Мо дар ин шароит метавонем, пули боэътимоде барои ғановати моддиву маънавии Шарқу Ғарб бошем, ба шарте ки чеҳраи хосу нотакрори худро нигоҳ дошта тавонем. Иҷрои ин вазифа аз сулҳу субот дар мамлакат ва пайванди Тоҷикистон бо кишварҳое вобаста аст, ки роҳи бунёди ҷомеаи дунявиро пеш гирифтаанд.

Ин ҷониб ба хулосаи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ А.Ғ. Холиқзода комилан розӣ ҳастам, ки дар ибтидои соҳибистиқлолӣ "Дар сарҳади ду тамаддуни аз назари иқтисодӣ тафовутдошта (капитализм ва сотсиализм), ду идеологияи таърихан ноошно (дунявият ва ислом) ва гурӯҳи забонҳои аз қадим дар рақобатбуда (забонҳои форсӣ ва туркӣ) давлати Тоҷикистон қарор гирифта, баъд аз пошхӯриии низоми давлати шӯравӣ як нуқтаи ниҳоят дарднок ва осонгирро мемонд" [13,с.98].

Аз бетаҷрибагии роҳбарони вақти кишвар нерӯҳои демоисломистӣ истифода бурда, кӯшиш намуданд, ки идеологияи худро ба кишвари мо бор намоянд. Барои барангехтани ноорomии сиёсӣ, паст намудани афкори сиёсии халқ бо фундаментализми динӣ ва дигар

тамоюлҳои бегона хостанд, андеша ва тафаккури мардумӣ, яъне ғояи миллии моро рахна карда, онро маҳв сохта, ба истиқлолияти миллӣ ва сиёсии халқи бофарҳанги тоҷик латма бизананд. Зеро, чӣ хеле ки академик К.Олимов иброз медоранд, “...Маҳви як идеология, дар ниҳояти кор, натиҷаи пирӯзии идеологияи дигар аст, ки аз ҷониби гурӯҳу табақаҳои иҷтимоӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ интишор карда мешавад” [10].

Тақвияту омӯзиши мавзӯи мазкур ба чунин хулоса меорад, ки дар замони ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо танҳо ба даст овардани истиқлолият басанда нест. Онро ҳифз намудан, таҳким бахшидан, дар андешаву тафаккури ҷомеа пайваста талқину ҷойгир кардан, ҳисси худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ифтихори миллиро баланд бардоштан ва атрофи ғояҳои созанда сарҷамъу муттаҳид сохтан, роҳу усулҳои наву муосири тарғиботиву ташвиқотиро ба кор бурдан, аз таърихи гузаштаи пурифтихори миллӣ пайваста ёдовар шудан амри воқеӣ ва зарурист. Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид менамоянд, “Ҳушёриву зиракиро бояд ҳеч гоҳ аз даст надиҳем”. Вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар лаҳза огоҳ менамояд, ки аз ҳарвақта дида бояд ҳушёру зирак бошем. Ғояву андешаҳои тарбиявӣ, муттаҳид сохтан ва сарҷамъии мардум низ бояд баробари ҷомеаи ҷаҳонӣ дар рушду инкишоф бошад. Сарвари давлат дар китоби “Тоҷикон дар оинаи таърих” барҳақ, иброз доштаанд, ки “Ҷаҳонгирию кишваркушоиҳои имрӯза либосҳои басо рангоранг доранд. Ҳадафи аслӣ ва ғаразҳои сиёсию иқтисодӣ аз назарҳо ниҳон мемонаду хусуматҳои қавмию этникӣ, низоъҳои идеологию динӣ ва дигар сабабу баҳонаҳои ночиз зоҳиран ба ҷилва омада, ин ё он гӯшаи сайёраро чун зилзила такон медиҳад” [12,с.8].

Пас, рисолати фарзандӣ ва шаҳрвандии ҳар кадом тоҷикистонист, ки истиқлолияти бо баҳои ҷон харидаи мардуми Ватани ҷоноҷонамонро азизу гиромӣ бидоранд ва ба сони гавҳараки чашмони хеш эҳтиёт бинамоянд.

***Пайнавишт:***


1. *Акмалова, М.А. Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он дар раванди дигаргуниҳои ҷомеа / М.А. Акмалова. –Хуҷанд, 2019. – 226 с.*
2. *Ахмедова, Н. Ваҳдати миллӣ-дастоварди калидии даврони истиқлолият / Н. Ахмедова // Сухани халқ, 2021. – 7 январ.*
3. *Барқия ба раиси кумиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Ленинобод Ҷ.Р.Шокиров//Ҳақиқати Ленинобод, 1992. –25 июл*
4. *Иҷлосияи наҷотбахш (Иҷлосияи XVI: баъди бист сол). – Хуҷанд: Хуросон-офсет, 2012. – 411 с.*
5. *Кенҷаев, С. Табаддулоти Тоҷикистон. қисми 1. / С.Кенҷаев. – Душанбе: Фонди Кенҷаев, 1993. – 496 с*
6. *Муқаддима ба назарияи миллатшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 245 с.*
7. *Муроҷатномаи ҳизбиёни Конибодом ба коммунистон ва ҳамаи мардуми шарифи вилояти Ленинобод // Ҳақиқати Ленинобод, 1992. –13 июн*
8. *Мурочиатномаи кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Ленинобод ба ҳамаи мардуми вилоят // Ҳақиқати Ленинобод, 1992. –7 май*
9. *Набиев В. Хуҷанди бостонӣ пойгоҳи сулҳи тоҷикон / В.Набиев. – Паёми Суғд. – 2009. – №5. – С. 14-25.*
10. *Олимов, К. Дастоварди муҳим дар методологияи тадқиқи фалсафӣ ва илмҳои ҷомеашиносӣ/ К. Олимов // Минбари халқ, 2020. –16 декабр.*

11. *Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: Даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷилди 1 / Э.Раҳмонов. Душанбе: Ирфон, 2001. – 512 с.*
12. *Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби дуюм) /Э.Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 128 с.*
13. *Холиқов, А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ / А.Ғ. Холиқов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 682 с.*
14. *Худобердӣ, Х. Ваҳдат-кафолати ҳастии миллат. Маҷмӯаи мақолаҳо ва матни суханрониҳои солҳои 2010-2015 / Х.Худойбердӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 260 с.*
15. *Худойбердиев, С. Вилояти Суғд (1000 саволу ҷавоб) / С. Худойбердиев. –*
16. *Шахсияти шинохта ва мунир. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – 708с*
17. *https://tg.wikipedia.org/wiki/*

**_Reference Literature:_**

1. *Akmalova M.A. State Independence of the Republic of Tajikistan and its Specificities in the Process of Social Changes / M.A. Akmalova. - Khujand, 2019. - 226 pp.*
2. *Akhmedova, N. National Unity as a Key Achievement of Independence / N. Akhmedova // Sukhani khalk (The Word of the People), 2021. - January 7.*
3. *Telegram to the Chairman of the Executive Committee of Leninabad Regional Council of People's Deputies Shokirov Dj.R. // Hakikati Leninobod (The Truth of Leninabad), July 25, 1992.*
4. *Session of Salvation (Session XVI: twenty Years Later). Khujand: Khuroson-offset, 2012. - 411 pp.*
5. *Kenjaev, S. Tajik Coup de Etat. Part 1. / S. Kenjaev. - Dushanbe: Kenjaev Foundation, 1993. - 496 pp.*
6. *Introduction to the Theory of Cognition of Nation. - Dushanbe: Cognition, 2012. - 245 pp.*
7. *The Appeal of Kanibadam Communists to all Communists and Presidents of Leninabad Region // Khakikati Leninobod, 1992. - June 13.*
8. *Appeal of the Executive Committee of Leninabad Oblast Council of People`s Deputies to all Population of the Oblast // Hakikati Leninobod, May 7, 1992.*
9. *Nabiev V. Ancient Khujand as Place (Ground, Base) the Tajik World / V. Nabiev. – Payomi Sughd (Sughd Tidings). - 2009. - No. 5. - pp. 14-25.*
10. *Olimov, K. An Important Achievement in the Methodology of Philosophical Research and Social Sciences / K. Olimov // Minbari Khalk (Peoples` Tribune), 2020. –16 December.*
11. *Rakhmonov, E. Tajikistan: Ten Years of Independence, National Unity and Creativity. Volume 1. / E. Rakhmonov. - Dushanbe: Cognition, 2001. - 512 pp.*
12. *Rakhmonov, E. Tajiks in the Mirror of History. From Oryans to Samanids (the second book) / E. Rakhmonov. - Dushanbe: Cognition, 2002. - 128 pp.*
13. *Kholikov A.G. The Idea of National State / A.G. Kholikov. - Dushanbe: ER-graph, 2013. - 682 pp.*
14. *Khudoberdi, H. Unity as Guarantee of Nation`s Existence. Collection of Articles and Texts of Speeches 2010-2015 / H. Khudoberdi. - Dushanbe: Er-Graph, 2015. - 260 pp.*
15. *Khudoyberdiev, S. Sughd Region. 1000 Questions and Answers. / S. Khudoiberdiev. - Khujand: R. Jalil, 2006. - 405 pp.*
16. *Famous and Outstanding Personality. - Khujand: Publisher, 2021. - 708 pp.*
17. *https://tg.wikipedia.org/wiki/*